# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 6.2.2. - Назарияи забон.

Омӯзиши забоншиносӣ нигоҳи ҷолиберо ба таърихи рушди забон ва таъсири он ба инсоният пешниҳод мекунад. Илмҳои забоншиносӣ, ки аз фонетика ва морфология сар карда, динамикаи тағйироти забониро дар тули асрҳо инъикос мекунанд. Дарки ин равандҳо барои таҳлили тарзи таҳаввул ва созгории забонҳо дар заминаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муҳим аст. Забоншиносӣ соҳаҳои зиёдеро фаро мегирад, аз ҷумла сотсиолингвистика ва психолингвистика, ки ҳар кадоме ба ҷанбаҳои беназири таъсири мутақобилаи забон ва ҷомеа тамаркуз мекунанд. Сотсиолингвистика меомӯзад, ки чӣ гуна меъёрҳо ва амалияҳои забоншиносӣ вобаста ба омилҳои сотсиомарказӣ фарқ мекунанд, дар ҳоле ки психолингвистика меомӯзад, ки чӣ гуна афрод иттилооти забониро коркард ва дарк мекунанд. Ин фанҳо уфуқҳои навро дар фаҳмидани муошрати инсонӣ ва механизмҳои аслии он мекушоянд.

Бо истифода аз маълумоти таърихӣ, метавон пай бурд, ки чӣ гуна тағйироти забонӣ ба ташаккули худи забонҳо таъсир расонидааст. Бо таҳқиқи давраҳои гуногун, метавон лаҳзаҳои калидиро муайян кард, ки ба рушди назарияҳои забоншиносӣ мусоидат кардаанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо ҷанбаҳои назариявиро таҳлил кунем, балки донишро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ дар соҳаи забоншиносӣ низ татбиқ намоем.

Омӯзиши илмии забонҳо дар замонҳои қадим, вақте файласуфон ба масъалаҳои сохтор ва табиати забон посух медоданд, рушд мекард. Афлотун ва Арасту дар таълифти худ синтаксис ва семантикаро омӯхта, заминаҳои забоншиносии ояндаро гузоштанд. Дар асрҳои миёна

таваҷҷуҳ ба низомҳои грамматикӣ, қоидаҳои морфология нигаронида шуданд ва лаҳҷаҳо дар минтақаҳои гуногун омӯхта шуданд. Забоншиносӣ дар ин давра ҳамчун абзоре барои фаҳмидани фарҳанг ва таърихи забонҳо хизмат мекард. Бо ратсионализм ва эмпиризм дар давраи Эҳё, омӯзиши низомноки забонҳо оғоз ёфт. Олимону муҳаққиқон мафҳумҳоеро муаррифӣ карданд, ки баъдтар асоси забоншиносии муосир шуданд. Андешаҳо дар бораи забонҳои хешутабор инкишоф ёфтанд ва аҳамияти диалектология барои фаҳмидани динамикаи забоншиносӣ таъкид карда шуд.

Аз аввали асри XIX усули муқоисавӣ-таърихӣ пайдо шуд, ки имкон дод гурӯҳҳои забонҳои хешутабор омӯхта шаванд. Олимоне ба монанди Ҷейкоб Гримм дониши фонетика ва тағйирёбии забонро васеъ карданд, ки баъдан ба фаҳмиши мо дар бораи рушди онҳо таъсир расонд. Дар асри XX психолингвистика ба сафи пеш баромад ва муносибати байни забон ва психологияро омӯхт. Олимон ба таҳлили таъсири забон ба тафаккур ва дарк шуруъ карданд ва уфуқҳои навро барои забоншиносӣ мекушоянд. Аҳамияти семантика дар таҳқиқоти забоншиносӣ махсусан муҳим гардид. Забоншиносии муосир доираи мураккаби соҳаҳоро, аз ҷумла сотсиолингвистика, забоншиносии маърифатӣ ва забоншиносии амалӣ, фаро мегирад. Ин соҳаҳо ба дарки амиқи хусусиятҳои забонӣ ва фарҳангӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мусоидат мекунанд.

Омӯзиши забоншиносӣ ва забонҳо ба қисми ҷудонашавандаи муошират ва ҳаёти мо табдил ёфта, ба рушди фарҳанги ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, марҳилаҳои калидии рушди забоншиносӣ аз замонҳои қадим то замони муосир мураккабии тадриҷии равишҳоро ба омӯзиши забон нишон медиҳанд. Ин марҳилаҳо заминаро барои омӯзиши

минбаъдаи ҷанбаҳо ва робитаҳои мушаххастар байни забонҳо, фарҳанг ва психология ташкил медиҳанд.

Махз аз ҳамин мавқеъ интихоби мавзуи рисолаи доктории Вализода Ҳокимхон Сафолиён тахти унвони "Ташаккули забоншносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ") саривақтӣ, муҳим ва айни муддао мебошад.

Аз мутолиаи автореферат маълум мешавад, ки диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва мундариҷа дар мавзуи "Ташаккули забоншносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ" аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи таҳқиқот мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо баён шудаанд, асосу заминаи назариявӣ-методологии пажӯҳиш пешкаш гаштааст, навгониҳо матраҳ шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор ироа гаштааст,

Боби якуми диссертатсия **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX"** фарогири панҷ фасл буда, дар он таҳқиқоте, ки аз ҷониби донишмандон оид ба вазъи афкори забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX сурат гирифтааст, маълумот дода шудааст. Боби мазкур дар доираи чунин фаслҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: Фасли якум "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик то Инқилоби Октябр"; Фасли дуюм "Ҳаракати маорифпарварӣ ва таъсири он ба афкори забоншиносии навини тоҷик"; Фасли сеюм: "Китобҳои дарсии мактабҳои усули нав ва инъикоси афкори забоншиносии навини тоҷик дар онҳо"; Фасли чорум: "Фарҳангҳои тафсирӣ ва идомаи афкори забоншиносии классикӣ дар онҳо"; Фасли панҷум: "Ҳамроҳшавиии Осиёи Миёна ба Русия

ва таъсири афкори забошиносии рус дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик".

Боби дуюм **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-30-юми асри ХХ"** ном дошта, 2 фаслу 10 зерфаслро фаро мегирад: мубоҳисаҳо атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва арзиши забоншиносии онҳо"; "Саҳми донишмандон, адибон ва рӯзноманигорон дар мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри ХХ".

Боби сеюми диссертатсия **"Баррасии осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷик"** дорои се фасл мебошад.

Боби чоруми диссертатсия - **«Масъалаи забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 60-уми асри ХХ»** унвон дошта, аз як фасл ("Таҳлили осори илмии муҳаққиқони забоншиноси ин марҳилаи забоншиносии навини тоҷик") ва 8 зерфасл иборат мебошад.

Боби панҷуми диссертатсия **"Андешаҳои муҳаққиқони забон дар солҳои 70-уми асри ХХ"** номгузорӣ гардида, аз як фасл ("Марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳои пажӯҳиш ва таҳқиқи бахшҳои илмҳои забоншиносӣ") ва дувоздаҳ зерфасл иборат мебошад.

Дар қисмати **"Хулоса"** унвонҷӯ кори илмӣ-таҳқиқотии худро ҷамъабаст, намуда, дар доираи 22 фаслу банди алоҳида натиҷаҳои онро ба тариқи мукаммал ва низомнок пешниҳод кардааст.

Қисмати **«Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот»** дар доираи 8 фаслу банд фарогири тавсияҳои илмӣ ва илмию методӣ оид ба истифодаи амалии таҳқиқот дар маҷмуъ ва нуктаҳои алоҳидаи он мебошад.

Аз рӯйхати *«Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия»*-и унвонҷӯ маълум аст, ки дар ин робита унвонҷӯ 25 адад таълифоти нашршуда дорад.

Бояд махсус зикр кард, ки автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ бо забони тоҷикӣ ва ҳам русӣ хеле босаводона таҳия ва тарҷума карда шудааст. Аз мутолиаи он бармеояд, ки муҳаққиқ дар интихоби мавзуъ хеле мулоҳизакорона амал кардааст ва яке аз масъалаҳои мубрами рӯзро дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасӣ ва пажӯҳиш қарор додааст.

Зимнан муҳаққиқ ба дастовардҳои хеле арзишманд муяссар шудааст. Аз ҷумла, унвонҷӯ дар ҷодаи муайян кардани омилҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккули забоншиносии навини тоҷик, махсусан, дар нимаи дуюми асри XIX ва то солхои 70-уми асри XX, ки ҳадафи асосӣ дар кори диссертатсионӣ пешбинӣ шуда буд, ноил гаштааст.

Ҳамчунин дар асоси автореферати диссертатсия зикр кардан мумкин аст, ки маводи фаровону фактологии зиёдеро оид ба забоншиносӣ аз таҳқиқоту таълифоти мутафаккирону забоншисони пешин (Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Маҳмуди Омулӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Б.Ниёзмуҳаммадов, Д.Т.Тоҷиев, М.Н.Қосимова, Ш.Рустамов, Д.Хоҷаев, Д.Саймуддинов, С.Ҳалимов, А.Ҳасанзода, Т.Ваҳҳобов, С.Назарзода, Ф.Шарифзода, М.Султон, С.Сабзаев, А.Юнусов ва муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили М.Терентев, Мирзо Ҷаъфар, К.Г.Зелеман, В.А.Жуковский, И.П.Наликвин, В.В.Григорев, В.В.Виноградов, Ф.М.Березин, Е.Э.Бертелс, А.Н.Болдирев, В.А.Звегинсев, А.Н.Гвоздев, В.С.Росторгуева, В.А.Ефимов, П.Н.Хонларӣ, М.Баҳор ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашида, мавриди баррпасию арзёбӣ қарор додааст.

Махсус бояд таъйид кард, ки унвонҷӯ дар ин замина солҳои зиёд ба пажӯҳиш машғул шуда, нахустин маротиба ба чунин натиҷаҳои хубу арзишманд расидааст: сарчашма ва омилхои ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини точикро дар заминаи марҳилаҳои муайяну мушаххаси таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст; аз мавқеи

замону макон ва мазмуну мундариҷа давраю марҳилаҳои ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини точикро ба ду қисмат ҷудо намудааст: давраи то шуравӣ ва марҳилаи пасошуравӣ; мархилаи дигар - дуюм (замони шуравӣ) ба тарзу воситаҳои ҷомеъ ва фарогир баррасӣ ва арзёбӣ гаштааст.

Автореферати диссертатсия шаҳодат медиҳад, ки кори илмӣ дар ин замина, таҳқиқи илмии анҷомёфта буда, ҳам аз мавқеи назария ва ҳам аз ҷиҳати амалия барои забоншиносии тоҷик кори пажӯҳишии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии дигар, таълифи осору матлабҳои илмии соҳавӣ, барои таҳияи монографияҳо, таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимию методӣ доир ба забоншиносии таърихии тоҷик, хондани курсу маъруза ва семинарҳои махсус роҳнамои хубе буда метавонад.

Автореферати (фишурда)-и диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), таълифоти илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант (25 адад) мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра ифода ва инъикос карда метавонанд.

Зимнан яакчанд тавсияро ироа карданием: Чун забонҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ як реша дошта, аз як сарчашма маншаъ гирифтаанд, дар робита ба вазъи забоншиносии дарӣ ва форсӣ дар марҳилаҳои зикршуда тавсиф ва баррасию арзёбии маълумот ба тариқи мухтасар ба манфиати кор аст; Ҳамчунин фикру андешаҳои муҳаққиқон ва забоншиносони русу ғарбӣ низ барои муқоиса дар таҳқиқот аз аҳамият орӣ нест: (Оранский, И.М., Фрай, Р., Абаев, В.И., Молчанова, Е. К., Эделман, Д.И., Бартолд, В.В., Кляшторний, С.Г., Дьяконов, И. М.,_Грюнберг, А.Л., Bartholomae, Chr. ва чанде дигарон).

**Хулосаи умумӣ**

Натиҷаҳои асосии рисола дар 25 монографияю мақолаҳои илмӣ табъу нашр гаштаанд. Рӯйхати таълифоти муҳаққиқ Ализода Ҳ.С.

нишон медиҳад, ки ӯ оид ба мавзуи таҳқиқотии худ шумораи зиёди китобу мақолаҳои илмӣ таълиф ва нашр намудааст, ки ҷавобгӯйи талаботҳои муқаррарнамудани муассисаи давлатии “Комиссияи олиии аттестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Аннотатсияҳои (шарҳҳои) мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар интиҳои автореферат матраҳ гаштаанд, тибқи талаботи ҷории Муассисаи давлатии “Комиссияи олии атестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мазмну муҳтаво ва моҳияту мундариҷаи илмии кори илмиро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсия ва дар асоси он кори диссертатсионӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра созгору ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Вализода Ҳокимхон Сафолиён сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. - Назарияи забон мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносӣ
ва таърихи забони Донишгоҳи
давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ; Ҷумъахон Алимӣ

Имзои Ҷ.Алимӣ-ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ-и ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

Нишонӣ:735360, ҶТ, Кӯлоб,
к.С.Сафаров-16.Тел : 2.35.06
www.kgu.tj

02. 09. 2026